# ва ба ӯ гуфтем: Ту сайид (сарвар)-и мо̄й. Ӯ дар ҷавоб гуфт: " Сайид Аллоҳ аст". Гуфтем: Беҳтарини мо аз рӯи фазлу шараф ва бартарӣ ҳастӣ ва бахшандатарин ва волотарини мо ҳастӣ. Пас фармуд:" Сухани худро ё баъзе аз сухани худро бигӯед ва шайтон шуморо дар роҳи ботил накашонад (васваса накунад)

Аз Абдуллоҳ ибни Шиххир (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Ҳамроҳ бо фиристодагони бани Омир назди Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) рафтем, ва ба ӯ гуфтем: Ту сайид (сарвар)-и мо̄й. Ӯ дар ҷавоб гуфт: " Сайид Аллоҳ аст". Гуфтем: Беҳтарини мо аз рӯи фазлу шараф ва бартарӣ ҳастӣ ва бахшандатарин ва волотарини мо ҳастӣ. Пас фармуд:" Сухани худро ё баъзе аз сухани худро бигӯед ва шайтон шуморо дар роҳи ботил накашонад (васваса накунад)."

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود وأحمد]

Гурӯҳе назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омаданд ва ҳангоме ки назди он ҳазрат расиданд, аз рӯйи мадҳу ситоиш ба он Ҳазрат суханоне гуфтанд. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ин кори онҳоро написандид. Онон гуфтанд: "Ту сайиди мо ҳастӣ" Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Сайид ва сарвар Аллоҳ аст" Зеро Ӯ дорои сарварии комил бар офаридагонаш аст ва онон бандагони Ӯ ҳастанд. Онҳо гуфтанд: "Ту беҳтарини мо аз рӯи фазл ҳастӣ" ва болотарини мо аз назари иззат ва шарафу мартаба. Ва Ту "бузургтарини мо аз рӯи саховатмандӣ ва ато ҳастӣ" ва бахшандатарин ва волотарину гиромитарини мо ҳастӣ. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ононро роҳнамои кард, ки ҳамон суханони маъмулии худро бигӯянд ва дар интихоби калимаҳо такаллуф наварзанд ва хушомадгӯйи накунанд. Ва шайтон ононро ба сӯи ғулув ва зиёдаравӣ дар мадҳ, ки сабаби воқеъ шудан дар ширк ва васоили ширк мешавад, накашонад.